Замимаи 1
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 марти соли 2014, № 146
тасдиқ шудааст

# Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 4.11.2016 № 471, аз 9.07.2018 № 348, аз 26.08.2019 № 418, аз 24.07.2020 № 418, аз 19.07.2022 № 338, аз 28.11.2023 № 536)

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Вазорат) мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, муҳоҷират, бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, рушди системаи омодасозии мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат, таълими калонсолон ва ҳунармандӣ анҷом медиҳад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 24.07.2020 № 418).

2. Вазорат фаъолияти мақомоти дар нақшаи идоракунӣ муайяншуда ва ташкилотҳои системаи худро ҳамоҳанг менамояд.

3. Вазорат дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро дастури амал қарор медиҳад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.07.2018 № 348).

4. Вазорат фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо ба роҳ мемонад.

## 2. Ваколатҳо

5. Вазорат дар соҳаи муқаррargardида ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

- лоиҳаҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва ҳунармандӣ, талаботи қонунгузории дахлдорро амалӣ менамояд, нақшаи корӣ ва нишондиҳандаҳои дурнаморо оид ба фаъолияти Вазорат таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мeёнамояд ва инчунин рафти иҷрои онҳоро назорат мекунад; (қарори Ҳукумати ҶТ аз 24.07.2020 № 418);

- тибқи асосҳо ва ҷиҳати иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зеринро дар соҳаҳои муқаррargardидаи фаъолият амалӣ менамояд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.07.2018 № 348):

а) дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ:

- дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор оид ба самтҳои асосӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ пешниҳодҳо таҳия менамояд;

- вазъи сатҳи зиндагии аҳолиро меомӯзад, таҳлил ва арзёбӣ мекунад;

- дар асоси ташаккули сиёсат оид ба даромадҳо барои мӯътадилӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ чорабиниҳо таҳия менамояд;

- дар асоси таҳлили дақиқи вазъи воқеии бозори меҳнат дар қисмати минтақаҳои мамлакат маҷмӯи тадбирҳои мақсаднокро, ки ба таъмини шуғли аҳолӣ тавассути таҳия ва ҳамоҳангсозии самараноки татбиқи барномаҳои соҳавии шуғли аҳолӣ, муқаррар намудани фармоиши давлатӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва квотаҳо барои шуғли табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ равона шудаанд, амалӣ менамояд;

- оид ба такмили низоми тайерии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шахсони ниезманди кор, хусусан ҷавонони бекор,шахсони маъюб ва имкониятҳои маҳдуд, бекорон дар асоси талаботи воқеии соҳаҳои иқтисодиет ва бозори меҳнат чораҳо меандешад;

- технологияҳои пешрафтаи иттилоотиро дар равандҳои шуғл, аз ҷумла таъсис ва рушди доимии Маҷмӯи Барномавии "системаи ягонаи миллии меҳнат" ва пойгоҳи миллии ҷойҳои кории tj ҷорӣ менамояд.;

- таъсиси инфрасохтори муосир ва муҳити рақобатпазирро дар бозори хизматрасониҳо оид ба мусоидат ба шуғл, ташаккули механизмҳои самараноки ҳамкории мақомоти идоракунии давлатӣ ва хоҷагидорӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон ва ҷомеа дар масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ таъмин менамояд;

- якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пешниҳодҳоро оид ба андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, кӯмакпулиҳо ва стипендияҳо омода мекунад;

- оид ба такмили системаи ҷубронпулиҳо, имтиёзҳо, инчунин барои ҳимояи даромадҳои аҳолӣ аз таваррум ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба соли дахлдор гузаронидани рӯзҳои истироҳат пешниҳодҳо ирсол менамояд;

- оид ба муайян намудани ҳисоби андозаи ҳадди ақали зисти гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоию демографии аҳолӣ тавсияҳои методӣ таҳия намуда, инчунин ҳисоби он ва ташхиси ҳисоби ҳадди ақали зиндагиро анҷом медиҳад;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба такмили системаи шарикии иҷтимоӣ пешниҳодҳо омода намуда, роҳбарии методиро оид ба бастани созишномаҳои минтақавӣ, соҳавӣ (байнисоҳавӣ), шартномаҳои коллективӣ анҷом медиҳад ва ба танзими баҳсҳои меҳнатии коллективӣ вобаста ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Вазорат дахл доранд, мусоидат мекунад;

- таснифгари умумидавлатии касбҳои коргарон ва мансабҳои кормандонро бо тартиби муқарраргардида таҳия намуда, барои тасдиқ ба мақомоти дахлдор пешниҳод менамояд ва онро пеш мебарад;

- созишномаҳои минтақавӣ ва соҳавӣ (тарифӣ)-ро оид ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва меҳнатӣ сабти ном мекунад, назорати иҷрои онҳоро таъмин менамояд;

- дар омода намудани лоиҳаи Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон ва намояндагони кормандон иштирок намуда, ба нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи ҳамин созишнома пешниҳодот манзур менамояд;

- оид ба такмили системаи пардохти музди меҳнати кормандон дар доираи созишномаҳои тарифӣ ва шартномаҳои коллективӣ пешниҳодҳо таҳия месозад;

- тарификатсияи корҳо, касбҳо ва вазифаҳоро анҷом медиҳад, заминаи меъёрии ҳуқуқии меъёрбандӣ ва пардохти музди меҳнатро таҳия менамояд;

- бо назардошти омилҳои табиию иқлимӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ оид ба такмили танзими минтақавии пардохти музди меҳнат ва системаи ҷубронпулиҳо пешниҳодҳо таҳия менамояд;

- меъёрҳои меҳнат, маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии корҳо ва касбҳо, маълумотномаи тахассусии мансабҳои кормандон, дастурамалҳо, тавзеҳот ва тавсияҳоро оид ба масъалаҳои ташкил, меъёрбандӣ ва пардохти музди меҳнат тасдиқ мекунад;

- дар таҳия ва татбиқи чорабиниҳо ҷиҳати такмили системаи пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаҳои буҷетӣ, инчунин таъминоти пулии хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда иштирок менамояд;

- муқаррароти намунавӣ дар бораи шартҳои музди меҳнат ва мукофотонидани кормандони роҳбарикунандаи ширкатҳои миллӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ки пакети назоратии саҳмияҳои онҳо ба давлат тааллуқ доранд, тасдиқ мекунад;

- дар муайян намудани андозаҳои меъёрҳои тарифӣ ва маошҳои мансабӣ барои вазифаҳо ва категорияҳои алоҳидаи кормандони муассисаҳои буҷетӣ, мутобиқи шартҳои пардохти музди меҳнати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд;

- дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳадди ақал ва тартиби ҷуброни хароҷотро ҳангоми сафарбар намудани кормандон ба иҷрои корҳои васлу танзим ва сохтмонӣ, ба курсҳои такмили ихтисос, инчунин корҳои хусусияти сайёр ва сафаридошта, иҷрои корҳои вахтавӣ, саҳроӣ ва корҳои доимӣ дар сафар муқаррар месозад;

- дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои пардохти музди меҳнати кормандонеро, ки ба иҷрои корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир оид ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда машғуланд, муқаррар менамояд;

- номгӯи истеҳсолот, корҳо, касбҳо ва вазифаҳои дорои шароити зарарноки меҳнат, ки ба рухсати меҳнатии иловагӣ, рӯзи кӯтоҳи корӣ, бе пул гирифтани хӯрокаи тиббию профилактикӣ ҳуқуқ медиҳанд, таҳия месозад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- идоракунии давлатии ҳифзи меҳнатро анҷом дода, фаъолияти вазорату идораҳоро дар ин самт ҳамоҳанг месозад;

- назорат ва назорати риояи талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат ва шуғлро таъмин менамояд, экспертизаи шароити меҳнатро амалӣ менамояд, тадбирҳои мушаххасро оид ба такмили минбаъдаи муносибатҳои меҳнатӣ, механизмҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат амалӣ менамояд;

- дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор қоидаҳои байнисоҳавӣ ва санадҳои ташкилию методии ҳифзи меҳнатро таҳия ва қабул менамояд;

- дар таҳияи барномаҳои миллӣ ва минтақавӣ оид ба беҳсозии шароит ва ҳифзи меҳнат иштирок менамояд;

- актуализатсия мекунад (рӯзмарра, муҳим) номгӯи корҳои вазнин ва корҳо дар шароити зарарноку хатарнок, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст, таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- якҷоя бо мақомоти давлатии омор намунаҳои ҳисоботи омории давлатии нишондиҳандаҳои шароит ва ҳифзи меҳнат, ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбиро таҳия ва қабул менамояд;

- тартиби гузаронидани санҷиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбиро таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- меъёрҳои соҳавии ба кормандон додани сару либоси махсус, пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои муҳофизати фардиро таҳия ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- тартиби ба кормандон додани имтиёзҳо барои шароити вазнин, зарарнок ва хавфноки меҳнатро таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

- қоидаҳо ва меъёрҳоро оид ба ҳифзи меҳнат, инчунин талаботи ташкилию методӣ ва умумитехникиро барои анҷом додани корҳо вобаста ба бехатарии меҳнат тасдиқ мекунад;

- оид ба такмили шароит ва ҳифзи меҳнат, танзими давлатии вақти корӣ ва вақти истироҳат барои категорияҳои алоҳидаи кормандон таклифҳо таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- ҳамоҳангсозӣ ва таъмини методии фаъолияти хадамоти ҳифзи меҳнати ташкилотҳо ва корхонаҳоро новобаста аз шакли моликият амалӣ менамояд;

- дар байни аҳолӣ ва корфармоен оид ба ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ҳифзи меҳнат корҳои васеи иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳӣ мегузаронад;

- дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи меҳнат амалӣ менамояд;

б) дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ:

- оид ба ташаккули сиёсати давлатии муҳоҷирати аҳолӣ барномаҳои дахлдорро таҳия ва корҳоро ҷиҳати татбиқи онҳо ташкил менамояд;

- дурнамои раванди муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷиро меомӯзад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;

- фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассиса ва ташкилотҳоро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ҳамоҳанг месозад;

- фаъолиятро дар самти ҷалб ва сафарбаркунии муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ ташкил менамояд;

- ҷиҳати ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва тиббӣ дар хориҷа бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ менамояд;

- дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият ҳамкориро бо диаспораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ ташкил мекунад;

- дар доираи салоҳияти худ назорат ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар самти бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ фаъолиятро оид ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ва баҳисобгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мераванд ва бармегарданд, амалӣ менамояд;

- барои рушд ва такмили низоми миёнаравӣ ҷиҳати бокортаъминкунӣ дар хориҷа, аз ҷумла ба ташкилотҳои хусусии шуғли беруна мусоидат менамояд;

- барои баҳисобгирии шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ доранд, бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ менамояд;

- расонидани хизматҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро ба муҳоҷирони меҳнатӣ, дохилӣ (ихтиёрӣ), экологӣ ва аъзои оилаи онҳо ташкил менамояд;

- раванди муҳоҷирати аҳолиро таҳлил намуда, барномаҳо ва дурнамои соҳаро таҳия менамояд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;

- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти омориро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ мутобиқ ба методологияи омори расмӣ амалӣ менамояд;

- технологияи ягонаи иттилоотӣ, низоми ягонаи автоматишудаи бақайдгирӣ ва коркарди иттилооти марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолиро ҷорӣ менамояд;

- шароити мусоидро барои соҳибкорон, корфармоён, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо барои ташкили таълим ва такмили тахассуси муҳоҷирони меҳнатӣ фароҳам месозад;

- бо мақсади ташкили фазои ягонаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар давлатҳои иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкориҳои иқтисодии АврУОсиё ва дигар созмонҳои минтақавӣ ба ҳамоҳангсозии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ кӯчонидани муҳоҷирони экологиро аз минтақаҳои хавфнок ва экзогенӣ ба мавзеъҳои бехавф, инчунин

аз маҳалҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ, ноҳияҳои сераҳолӣ ва камзамин ба ноҳияҳои дорои захираҳои кофии замин кӯчонидани хоҷагиҳоро амалӣ менамояд;

- дурнамои раванди муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷиро меомӯзад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳоро дар соҳаи муҳоҷират ҳамоҳанг мекунад;

- чорабиниҳоеро ташкил мекунад, ки ба ҷалб ва сафарбаркунии муташаккили муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа равона карда шудаанд;

- бо мақомоти дахлдор оид ба ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва тиббӣ дар хориҷа ҳамкорӣ мекунад;

- ҳамкорӣ бо диаспораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамватанони хориҷиро дар соҳаи муқаррарнамудаи фаъолият ташкил мекунад;

- дар доираи ваколатҳои худ назорат ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар соҳаи шуғли шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва шуғли шаҳрвандони хориҷиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ва баҳисобгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади муҳоҷирати меҳнатӣ ва муҳоҷирони баргашта ба хориҷа сафар мекунанд, тадбирҳо амалӣ менамояд;

- ба рушд ва такмили низоми миенаравӣ ҳангоми кор дар хориҷа, аз ҷумла дар ташкилотҳои хусусии шуғли хориҷӣ мусоидат менамояд;

- бо мақомоти дахлдори баҳисобгирии шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, ҳамкорӣ менамояд;

- хизматрасониҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро ба муҳоҷирони меҳнатӣ, дохилӣ (ихтиерӣ), экологӣ ва аъзои оилаҳои онҳо ташкил мекунад;

- раванди муҳоҷирати аҳолиро таҳлил мекунад ва барномаҳо ва пешгӯиҳои ин соҳаро таҳия мекунад;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо пешниҳод менамояд;

- фаъолияти хадамоти муҳоҷиратро роҳбарӣ мекунад, самаранокии кори онро арзебӣ мекунад, системаи рақамикунонии хизматрасониҳои хадамоти муҳоҷиратро рушд медиҳад;

- маълумоти омориро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ тибқи методологияи омори расмӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил менамояд;

- технологияҳои ягонаи иттилоотӣ, системаи ягонаи автоматикунонидашудаи бақайдгирӣ ва коркарди иттилоот оид ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолиро ҷорӣ мекунад;

- барои соҳибкорон, корфармоен, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо барои ташкили таълим ва такмили ихтисоси муҳоҷирони меҳнатӣ шароити мусоид фароҳам меорад;

- бо мақсади фароҳам овардани фазои ягонаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории

иқтисодии Авруосиё ва дигар ташкилотҳои минтақавӣ ба ҳамоҳангсозии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ муҳоҷирати экологиро аз минтақаҳои хатарнок ва экзогенӣ ба минтақаҳои бехатар, инчунин кӯчонидани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ, дурдаст, минтақаҳои сераҳолӣ ва камзамин ба минтақаҳои дорои захираҳои кофии замин амалӣ менамояд;

- дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муҳоҷират амалӣ менамояд;

в) дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ:

- мунтазам эҳтиеҷоти бозори дохилӣ ва берунии меҳнатро ба салоҳиятҳо арзебӣ намуда, таҳлилҳо ва пешгӯиҳоро бо ҷалби мақомоти дахлдори давлатӣ, корфармоен ва иттиҳодияҳои онҳо таҳия менамояд;

- пешбурди низоми Иттилоотии бозори меҳнатро бо ҷалби мақомоти дахлдори давлатӣ, корфармоен ва муассисаҳои тайеркунии мутахассисон бо ҷалби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил ва таъмин менамояд;

- пешниҳодҳо оид ба таҳия ва татбиқи сиесати давлатии мусоидат ба шуғл дар асоси таҳлил ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи бозори меҳнат, ҳамоҳангсозии раванди таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии мусоидат ба шуғл ва назорати иҷрои онҳо;

- дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ талаботи умумиро ба ҷойҳои корӣ муайян намуда, бо дарназардошти дурнамои демографӣ дар таҳияи барномаҳои таъсис ва ҳифзи ҷойҳои корӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ иштирок менамояд;

- фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолиро роҳбарӣ мекунад, самаранокии кори онро арзебӣ мекунад, системаи рақамикунонии хидматҳои ин Агентиро рушд медиҳад;

- технологияҳои пешрафтаи иттилоотиро дар равандҳои мусоидат ба шуғл, таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар бораи вазъи бозори меҳнат ва хидматҳои онлайн, аз ҷумла таъсис ва рушди доимии пойгоҳи миллии ҷойҳои корӣ ҷорӣ менамояд Кор.tj.;

- системаи тасдиқи салоҳиятҳои касбиро, ки шаҳрвандон дар ҷараени кор дар доираи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ ба даст овардаанд, ташкил мекунад;

- фаъолияти вазорату идораҳои махсус, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳоро новобаста аз шакли моликият дар соҳаи мусоидат ба шуғл ҳамоҳанг месозад, барномаҳои соҳавӣ ва сармоягузориҳои мақсаднокро дар соҳаи таъсис ва ҳифзи ҷойҳои корӣ баррасӣ менамояд;

- фаъолияти маблағгузории хурдро бо мақсади таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва худмаблағгузорӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ корҳоро оид ба рушди омори шуғл, ташаккул, пешбурд ва истифодаи бонки ин ҷойҳои холии корӣ ва пешниҳодҳои қувваи корӣ ташкил менамояд;

- баҳисобгирии рақамии мурочиаткунандагонро дар ҷустуҷӯи кори аҳолии бекорхобида, ки ба кор ниез доранд, ташкил мекунад, хидматҳои ҳифзи иҷтимоии бекоронро пешниҳод мекунад;

- таъминоти методии таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднокро оид ба мусоидат ба шуғли корҷӯен ва бекорон, аз ҷумла тавассути рушди соҳибкорӣ ва худмаблағгузорӣ, фиристодани шаҳрвандони бекор ба корҳои муваққатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин истифодаи шаклҳои фасеҳи шуғл амалӣ менамояд;

- барои пешгирӣ ва паст кардани сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ чораҳои зарурӣ меандешад;

- заминаи ҳуқуқии намудҳои нави шуғлро (фосилавӣ (фосилавӣ), платформавӣ/рақамӣ, кори фосилавӣ/фрилансинг ва ғайра)таҳия ва такмил медиҳад;

- самти касбӣ ва машварати ҷавонон ва бекоронро мувофиқи талаботи бозори дохилӣ ва хориҷӣ танзим ва ҳамоҳанг месозад;

- оид ба такмили низоми тайерии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шахсони ниезманди кор тадбирҳо меандешад;

- пешниҳодҳо оид ба муқаррар кардани квота барои ба кор қабул кардани шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ниез доранд ва дар бозори меҳнат рақобатпазир нестанд;

- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотро дар бораи ҷойҳои холии корӣ ташкил намуда, баҳисобгирии ҷойҳои холии кориро бо тартиби муқаррааргардида ба роҳ монда, маълумотро дар бораи ҷойҳои холии корӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба аҳолӣ мерасонад;

- таҳлили сатҳ ва сохтори бекорӣ ва шуғли ғайрирасмӣ, аз ҷумла тавассути гузаронидани тадқиқоти шуғли аҳолӣ ва гузаронидани пурсишҳо дар байни аҳолӣ ва корфармоенро амалӣ менамояд;

- бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат, намудҳои нави хизматрасониро ба Фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғл ҷорӣ намуда, ба рушди шуғли фосилавӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ мусоидат менамояд;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ;

в) дар соҳаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ:

- мунтазам вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолиро таҳлил ва пешгӯӣ менамояд ва истифодаи босамари захираҳои меҳнатиро амалӣ менамояд;

- оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асоси таҳлил ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи бозори меҳнат пешниҳодҳо омода месозад. Барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии мусоидат ба шуғли аҳолиро таҳия ва назорати татбиқи онҳоро анҷом медиҳад;

- якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ эҳтиёҷоти умумиро ба ҷойҳои корӣ муайян намуда, бо назардошти дурнамои демографӣ дар таҳияи барномаҳои таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ иштирок менамояд;

- системаи шаҳодатномакунии малакаҳои касбии дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ бадастомадаро барои шаҳрвандон ташкил менамояд;

- фаъолияти вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, субъектҳои хоҷагидорро, новобаста аз шакли моликият, дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҳамоҳанг сохта, барномаҳои соҳавӣ ва сармоягузории мақсадноки таҳияшавандаро дар қисмати таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ ташхис менамояд;

- фаъолияти маблағгузории хурдро бо мақсади таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди худиштиғолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- корҳоро барои рушди омори шуғл, ташаккул, пешбурд ва истифодаи маҳзани маълумот дар бораи ҷойҳои кории холӣ ва талабот ба қувваи корӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ташкил менамояд;

- таъминоти методии таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок оид ба мусоидат ба шуғли корҷӯён ва бекорон, аз ҷумла тавассути рушди соҳибкорӣ ва худиштиғолӣ, ба корҳои муваққатӣ ва ҷамъиятӣ равона кардани шаҳрвандони бекор, инчунин татбиқи шаклҳои шуғли ба тағйирот тобоварро анҷом медиҳад;

- барои пешгирӣ ва паст намудани сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ чораҳои зарурӣ меандешад;

- роҳнамоӣ ва маслиҳатдиҳии касбиро барои ҷавонон ва бекорон мутобиқи талаботи бозори дохилию хориҷӣ танзим ва ҳамоҳанг менамояд;

- барои муқаррар намудани квота ҷиҳати бокортаъминкунии шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта ва дар бозори меҳнат қобилияти рақобат надошта, таклифҳо пешниҳод менамояд;

г) дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон:

г). дар соҳаҳои рушди системаи тайер кардани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва таҳсилоти калонсолон:

- ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии методии раванди таҳия, такмил ва татбиқи таснифоти Миллии тахассусҳоро бо ҷалби мақомоти дахлдори давлатӣ, корфармоен ва иттиҳодияҳои онҳо амалӣ намуда, дастрасии рақамии онро ба ҳамаи корбарон тавассути шабакаи интернет таъмин менамояд;

- таҳия, тасдиқ, навсозӣ ва дастгирии методии ҷорӣ намудани Таснифкунандаи машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд, дастрасии рақамии онро ба ҳамаи истифодабарандагон тавассути шабакаи интернет таъмин менамояд;

- маълумотномаи ягонаи тахассусии касбҳои кормандонро бо ҷалби мақомоти дахлдори давлатӣ, корфармоен ва иттиҳодияҳои онҳо таҳия, тасдиқ ва нав мекунад, раванди татбиқи ин маълумотномаро дастгирӣ мекунад, дастрасии рақамии онро ба ҳамаи корбарон тавассути шабакаи интернет таъмин менамояд;

- тавсияҳои Методӣ оид ба таҳияи стандартҳои салоҳияти ҳар як касбро таҳия ва тасдиқ мекунад, дастгирии методии татбиқи "Таълим дар асоси салоҳият" - ро таъмин мекунад, фаъолиятро оид ба таҳияи стандартҳои салоҳият барои касбҳои нав дар ҳамкорӣ бо корфармоен ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти дахлдори давлатӣ ва мутахассисон, муассисаҳои таълимии тайер кардани мутахассисон ҳамоҳанг месозад;

- стандартҳои салоҳияти ҳар як касбро тасдиқ мекунад, пешбурд ва таъмини дастрасии рақамӣ ба феҳристи миллии стандартҳои салоҳият, касбҳои тасдиқшударо тавассути шабакаи интернет ташкил мекунад;

- дар ҳамкорӣ бо корфармоени соҳа Рӯйхати касбҳои афзалиятнокро барои таҳияи стандартҳои салоҳият барои онҳо, таъмини дастрасии рақамии он тавассути шабакаи интернет таҳия ва тасдиқ мекунад;

- меъерҳоро оид ба ташкили тартиби таъмини сифати тахассус ва ҷузъҳои он амалӣ намуда, ҳамкориро бо корфармоён ва иттиҳодияҳои соҳавӣ дар ташаккули шабакаи марказҳои сертификатсияи соҳавӣ ба роҳ мемонад;

- муқаррароти сертификатсияи тахассусӣ ва Тартиби таҳияи сохтори тахассусии соҳаро таҳия ва тасдиқ мекунад, дастгирии методии раванди татбиқи ин ҳуҷҷатҳоро таъмин менамояд, дастрасии рақамии онҳоро тавассути шабакаи интернет таъмин менамояд;

- дастрасии рақамиро ба феҳристи умумиҷумҳуриявии арзебии мустақили тахассус тавассути шабакаи интернет эҷод ва таъмин менамояд;

- роҳбарӣ ва рушди фаъолияти Муассисаи давлатии "Маркази миллии рушди тахассус" - ро таъмин менамояд;

- фаъолиятҳоро ҳамоҳанг месозад ва пешниҳодҳоро оид ба таъмини ҳамгироии системаи миллии тахассус бо системаи маориф ва муассисаҳои омодасозии мутахассисони сатҳу шаклҳои гуногун омода менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои соҳавӣ, корфармоен ва иттиҳодияҳои соҳавии онҳо системаи таҳлил ва дурнамои талабот ба тахассусҳои навро ҷорӣ намуда, дар асоси он пешниҳодҳоро оид ба зарурати ҷорӣ намудани таълим дар касбҳои нав е барҳам додани касбҳои кӯҳна таҳия менамояд, стандартҳои мавҷудаи салоҳиятро нав мекунад ва таҳияи стандартҳои салоҳиятро оид ба касбҳои нав ташкил мекунад;

- ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон тасдиқи дастури тавсиявӣ оид ба таҳияи барномаҳои таълимии модулиро барои ташкили раванди таълими касбии калонсолон дар асоси курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ, тасдиқи шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ барои хатмкунандагони таълими касбии калонсолон дар асоси курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ таъмин менамояд;

- бо тартиби муқарраршуда дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия ва тасдиқи барномаҳои таълимиро дар асоси стандартҳои салоҳияти ҳар як касб барои курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ ва инчунин воситаҳои арзебӣ таъмин менамояд;

- таъмини методӣ ва рушди системаи таҳсилоти калонсолонро дар асоси курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ ташкил мекунад;

- дар асоси барномаҳои таълимии модулӣ курсҳои кӯтоҳмуддати тайерии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисосро дар заминаи муассисаҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ оид ба тайер кардани мутахассисон ташкил менамояд;

- чорабиниҳоро оид ба таҳкими заминаи моддӣ ва таълимии муассисаҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо ҷалби шарикони рушд е сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия ва амалӣ менамояд;

- сифати таълими калонсолонро дар муассисаҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва назорат менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори давлатӣ фаъолиятро оид ба рушди системаи омори таълими калонсолон ҳамоҳанг намуда, сатҳи иштироки калонсолонро дар шаклҳои гуногуни таълим ва таълим дар тӯли ҳаёт арзебӣ менамояд;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тайер намудани мутахассисон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат ва таҳсилоти калонсолон.

- лоиҳаҳои меъёрҳо ва стандартҳои давлатии системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолонро таҳия намуда, татбиқ ва назорати риояи онҳоро таъмин менамояд;

- ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи самтҳои асосии фаъолияти самараноки ҷамъиятӣ мувофиқи номгӯи касбу ихтисосҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит муҳайё менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор барномаҳою нақшаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолонро таҳия ва тасдиқ менамояд;

- роҳбарии мутамарказонидашудаи низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекорро ба роҳ мемонад;

- барои дастрас будани таҳсилоти ибтидоии касбӣ, мутобиқшавии низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба сатҳ, хусусиятҳои инкишоф ва тарбияи касбии шаҳрвандон чораҳо меандешад;

- барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат бо кадрҳои ихтисосманди дорои таҳсилоти ибтидоии касбӣ барномаҳои дахлдорро таҳия ва амалӣ менамояд;

- омӯзиш, азнавтайёркунии касбиро тавассути муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон ташкил менамояд;

- таълими истеҳсолиро дар устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ, лабораторияҳо, озмоишгоҳҳои таълимӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, инчунин дар коргоҳҳои корхонаҳо, таълимгоҳҳои онҳо, иншоотҳои сохтмонӣ ва ғайра ба роҳ мемонад;

- таъминоти методӣ ва рушди системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолонро ташкил менамояд;

- курсҳои кӯтоҳмуддати касбомузӣ, бозомузӣ, такмили ихтисос ва таълимиро оид ба малакаҳои ҳаётӣ ташкил менамояд;

- барои мустаҳкам намудани заминаҳои моддию таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон бо ҷалби шарикони рушд ва ё сармоягузорони ватанию хориҷӣ чорабиниҳо таҳия ва амалӣ менамояд;

- мониторинги сифати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолонро ташкил ва ба роҳ мемонад;

ғ) дар самти ҳунармандӣ:

- сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандиро амалӣ менамояд;
- барои ҷалби аҳолӣ ба ҳунармандӣ тавассути ташкили марказҳои рушди малака ва ҳунармандӣ шароит фароҳам меорад;
- фаъолияти субъектҳои ҳунармандиро ҳамоҳанг месозад;
- бо субъектҳои дахлдори дохилӣ ва хориҷӣ дар самти ҳунармандӣ ҳамкорӣ ва шарикиро ба роҳ мемонад;
- лоиҳаҳои барномаҳои давлатӣ оид ба рушди ҳунармандиро таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- оид ба таъсиси ҷоизаҳо дар соҳаи ҳунармандӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;
- дар таҳия ва татбиқи барномаҳои минтақавии рушди ҳунармандӣ мусоидат менамояд;
- феҳристи ҳунармандиро пеш мебарад;
- якҷо бо мақомоти дахлдор шаклҳои омори баҳисобгирии ҳунармандонро таҳия ва ҷорӣ менамояд;
- таълим ва омодасозии кадрҳоро дар соҳаи ҳунармандӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти калонсолон ташкил менамояд;
- фаъолияти мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳоро барои ташкили инфрасохтори муносиби ҳунармандӣ ба ҳунармандон ҳамоҳанг месозад;
- бо мақсади ташаккули афкори мусбии ҷамъиятӣ барои рушди соҳаи ҳунармандӣ чорабиниҳои иттилоотиро амалӣ менамояд;
- конференсияҳо, намоиш-ярмаркаҳо ва озмунҳо вобаста ба ҳунармандиро баргузор менамояд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 24.07.2020 № 418);
- тибқи тартиби муқаррааргардида дар муносибатҳои байналмилалӣ вобаста ба соҳаи муқарраргардидаи фаъолият иштирок менамояд;

д) дар соҳаи дигаргунсозии рақамии соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ:

- ташаккул ва рушди системаи иттилоотиро дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғл тавассути гузаронидани сиесати ягонаи техникӣ, истифодаи усулҳо ва воситаҳои ягона ҳангоми ташкили системаҳои иттилоотии соҳа тавассути ташкили системаи Иттилоотии бозори меҳнат таъмин менамояд;
- пойгоҳи миллии ҷойҳои кориро ташкил ва мунтазам нав мекунад ва дастрасии аҳолиро ба он дар режими интерактивӣ таъмин мекунад;
- рушди минбаъдаи системаҳои иттилоотию маълумотӣ ва хизматрасониҳои интерактивиро оид ба масъалаҳои меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, низоми миллии тахассусӣ таъмин менамояд;

е) бо тартиби муқарраршуда:

- дар муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти муқарраршуда иштирок мекунад;
- робитаҳо ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи меҳнат, мусоидат ба шуғл ва муҳоҷират, аз ҷумла бо созмони байналмилалии

меҳнат, Созмони байналмилалии муҳоҷират ва дигар созмонҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд.
6. Вазорат бо мақсади иҷрои салоҳиятҳои дар соҳаи фаъолияташ муқарраргардида ҳуқуқ дорад:
- бо тартиби муқарраргардида озмунҳо баргузор намояд ва қарордодҳои давлатиро оид ба ворид намудани молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, аз ҷумла гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотиро барои эҳтиёҷоти Вазорат ба имзо расонад;
- дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз рӯи масъалаҳои марбут ба салоҳияти Вазорат роҳбарии методиро анҷом дода, ба онҳо кӯмак расонад;
- ташаккул ва муайян намудани афзалиятҳои коркардҳои илмӣ, ташкили гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамроҳии илмӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;
- таҳия ва тасдиқи қоидаҳои кор, ҳамроҳӣ ва дастрасӣ ба системаҳои иттилоотӣ ва пойгоҳи додаҳо;
- таҳияи дурнамои талаботи иқтисодиет ба салоҳият ва мувофиқа бо мақомоти иҷроияи марказии манфиатдор;
- базаи мутамаркази маълумоти кормандони хориҷиро ташкил намуда, системаи иттилоотии "Қувваи кории хориҷӣ" - ро ташкил намуда, ҳамкории онҳоро бо системаҳои иттилоотии мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ таъмин менамояд;
- гузаронидани корҳои илмию тадқиқотиро дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ташкил ва ҳамоҳанг намояд;
- бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандонро дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ташкил намояд;
- дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор оид ба масъалаҳои меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва ҳунармандӣтаҳлил ва тадқиқоти мақсаднокро анҷом диҳад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 24.07.2020 № 418);
- вобаста ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти Вазорат қабули шаҳрвандонро ташкил намуда, пешниҳодҳо ва аризу шикоятҳои шаҳрвандонро баррасӣ карда, оид ба онҳо тадбирҳои дахлдор андешад;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омодасозии сафарбаркунӣ ва мудофиаи гражданӣ иҷрои чорабиниҳоро ташкил намояд;
- ҷиҳати мақсаднок ва самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ дар дастгоҳи марказӣ ва ташкилотҳои буҷетии системаи Вазорат аудити дохилиро амалӣ намояд;
- бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият, ҳуҷҷатҳо, хулосаҳо, маълумот ва дигар мавод, ки барои ҳалли масъалаҳои марбут ба салоҳияти Вазорат заруранд, дархост намояд ва гирад;
- аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти омориро оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти Вазорат дархост кунад ва гирад;

- назорати давлатии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ташкил намояд;

- ҷиҳати ҳалли масъалаҳои марбут ба салоҳияти Вазорат мутахассисони вазорату идораҳо ва муассисаҳои илмиро ҷалб созад;

- санадҳои меъёрӣ ва методиро оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Вазорат дахл доранд, тасдиқ намояд;

- барои таъсиси намояндагиҳои Вазорат дар хориҷи кишвар оид ба муҳоҷират ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани ташкилотҳои системаи Вазорат ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намуда, низомномаю оинномаҳои онҳоро тасдиқ намояд;

- оид ба боздошти амал ва бекор намудани қарору фармоишҳо ва супоришҳои вазорату идораҳо, ташкилотҳо, новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликияташон, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат мекунанд, доир ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти Вазорат, пешниҳодҳо манзур намояд;

- дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Вазорат ҳисоботи намояндагони вазорату идораҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидори ҳудуди ҷумҳуриро оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Вазорат мансубанд, баррасӣ кунад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.07.2018 № 348);

- оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Вазорат марбутанд, намоишгоҳҳо ташкил намуда, конференсияҳо, машваратҳо, симпозиумҳо, мулоқотҳо ва дигар чорабиниҳо гузаронад;

- риояи интизоми молиявӣ, истифодаи воситаҳои моддӣ ва пулиро тибқи таъиноти мустақим дар ташкилотҳои системаи Вазорат назорат намояд.

## 3. Ташкили фаъолияти Вазорат

7. Вазоратро Вазир роҳбарӣ менамояд, ки ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тасдиқи минбаъдаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад.

8. Вазир фаъолияти Вазоратро дар асоси яккасардорӣ роҳбарӣ намуда, барои иҷрои вазифаю ӯҳдадориҳои ба зиммаи Вазорат гузошташуда масъулияти шахсӣ дорад.

9. Вазир муовинҳо, аз ҷумла муовини якум дорад, ки онҳоро бо пешниҳоди Вазир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

10. Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- вазифаҳоро байни муовини якум ва муовинони Вазир тақсим менамояд;

- дар доираи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида, шумораи кормандони сохтори дастгоҳи марказӣ ва фонди музди меҳнат, басти вазифаҳои дастгоҳи марказии Вазоратро тибқи талаботи намунавӣ, инчунин харҷномаи таъминоти онро дар доираи маблағҳои буҷетии барои давраи дахлдор пешбинишуда, тасдиқ менамояд;

- низомномаи воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии Вазорат, инчунин низомнома ва оинномаи ташкилотҳои системаи Вазоратро бо тартиби муқарраргардида тасдиқ менамояд;

- кормандони дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони ташкилотҳои системаи Вазоратро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- барои ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод намудани роҳбарони намояндагиҳои Вазорат дар хориҷи кишвар ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;

- кормандони намояндагиҳои Вазоратро дар хориҷи кишвар ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- шумора ва фонди музди меҳнати кормандони ташкилотҳои системаи Вазоратро, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар доираи нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин харҷномаи таъминоти онҳоро дар доираи маблағҳои барои давраи муайян дар буҷети давлатӣ пешбинишуда тасдиқ менамояд;

- иҷрои вазифаҳоеро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳамин Низомнома ба зиммаи Вазорат вогузор намудаанд, таъмин менамояд;

- ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро доир ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти Вазорат пешниҳод мекунад;

- фармоишҳо қабул менамояд ва супоришҳо медиҳад, дастурамалҳо, қоидаҳо ва меъёрҳоеро, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандони дастгоҳи марказӣ ва ташкилотҳои системаи Вазорат ҳатмӣ мебошанд, тасдиқ карда, назорати иҷрои онҳоро таъмин мекунад;

- нақшаи ҳарсолаи корӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти мақомоти назди Вазорат, инчунин ҳисоботи фаъолияти онҳоро тасдиқ менамояд;

- роҳбарони мақомоти назди Вазорат, лоиҳаҳои низомномаҳо, сохторҳо ва фонди музди меҳнати кормандони онҳоро барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- бо тартиби муқарраргардида дар бораи таъсис, таҷдид ва барҳам додани мақомоти назди Вазорат ва ташкилотҳои системаи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;

- қарорҳои сохторҳои системаи Вазоратро, ки ба қонунгузорӣ мухолифат менамоянд, бекор мекунад, агар тартиби дигари бекор кардани қарорҳо бо қонун муқаррар нагардида бошад;

- бо пешниҳоди роҳбарони сохторҳои мақомоти назди Вазорат муовинони онҳоро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- Вазоратро дар тамоми муассисаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ аз рӯи масъалаҳои марбут ба салоҳияти он намояндагӣ мекунад ва бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаю созишномаҳои байналмилалиро имзо менамояд;

- масъалаи мукофотонидани кормандони Вазорат ва роҳбарони мақомоти тобеи онро ҳал мекунад ва ба маоши вазифавии мутахассисон

иловапулиҳоеро, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, таъин менамояд. Барои муваффақиятҳои меҳнатӣ бо мукофотҳо ҳавасманд гардонида, барои меҳнати самаранок ва дастовардҳо дар соҳа кормандонро бо тартиби муқарраргардида барои сарфароз гардонидан ба мукофотҳои давлатӣ пешниҳод мекунад;

- таъсиси кумитаҳои бахширо ҳамчун воситаи муколамаи сеҷониба ва ҳамкории шарикии давлатӣ-хусусӣ оғоз мекунад, фаъолияти онҳоро дастгирӣ ва ҳамоҳанг мекунад;

- дигар ваколатҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

11. Дар Вазорат Ҳайати мушовара дар ҳайати Вазир (раиси Ҳайати мушовара), муовини якум, муовинони Вазир (аз рӯйи вазифа) ва дигар кормандони роҳбарикунандаи Вазорат таъсис дода мешавад.

12. Шумора ва аъзои Ҳайати мушовара бо пешниҳоди Вазир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои Ҳайати мушовара бо протокол ба расмият дароварда шуда, бо фармоишҳои Вазир дар амал татбиқ карда мешаванд.

13. Маблағгузории хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи марказии Вазорат ва мақомоти дар нақшаи идоракунии он пешбинишуда аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои махсус, мувофиқи тартиби бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқагардида анҷом дода мешавад.

14. Вазорат дар системаи худ ташкилотҳои тиҷоратие дорад, ки фаъолияташонро ба сифати воҳиди мустақили хоҷагидор анҷом медиҳанд.

15. Вазорат шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабти номи худ бо забони давлатӣ, мӯҳрҳои дахлдор, штампу бланкаҳо мебошад ва аз суратҳисоби ягонаи Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегардад.

16. Маҳалли ҷойгиршавии Вазорат: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ-5/2 мебошад.